# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсяи **Сафаров Фируз Холназарович** дар мавзӯи **«Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ»**, барои дифоъ дар шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-039, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 02.03.11 - паразитология пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзуъ:** Мувофиқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ), инчунин Бюрои Байналмилалии Эпизоотӣ (ББЭ), аз ҷумлаи бемориҳои паразитии ҳайвонот ва одамон дар саросари ҷаҳон инвазияи трематодаҳо (фассиолёз, дикроселиоз, парамфистоматоз, шистосомоз, описторхоз, клонорхоз) яке аз бемориҳои глобалии биологӣ, ки хавфи гирифторшавии чорво ва аҳолии Заминро ба худ доранд, ба ҳисоб меравaнд.

Бояд тазаккур дод, ки мавзӯи интихобнамудаи рисолаи номзадии Ф.Х. Сафаров “Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ” аз аҳамияти муҳими илмию амалӣ холӣ нест.

**Навгонии илмӣ.** Бори аввал муаллиф дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ фауна ва паҳншавии трематодаҳои чорвои калон ва хурди шохдор дар минтақаҳои гуногун муайян намудааст. Ҳамчунин дараҷаи сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор аз трематодаҳо вобаста ба синну сол, фасли сол, инчунин моно- ва полисироятёбӣ ин паразитҳо бо намояндагони дигар синфҳои гиҷҷаҳоро ошкор намудааст.

Зимни таҳқиқот зичии нармбаданҳо - соҳибони мобайнӣ (*Viviparus contectus, Limnaea auricularia, Lymnaea stagnalis, Lymnaea palustris, Planorbis planorbis, Lymnaea truncatula, Fruticicola fruticum*)-и трематодаҳо дар чарогоҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шудааст. Бори аввал дар ҷумҳурӣ дар шароити озмоишгоҳӣ биологияи барангезандаи фассиолёз (*Fasciola hepatica*) омӯхта шудааст. Дар ҷанбаи муқоисавӣ, самаранокии баланди як қатор маводи зиддигиҷҷавии истеҳсоли ширкатҳои ватанию хориҷӣ дар шароити чорвопарварии чарогоҳӣ муайян ва ба чорводорон тавсия карда шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Вазъи эпизоотии трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ вобаста аст аз синну сол ва мавсими сол дақиқ муайян карда шуда, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда пешниҳодҳои амалӣ ва дастурамали методӣ оид ба «Муолиҷа ва пешгирии гелминтозҳои

кавшакунандагон (эпизоотология, ташхис, ва чораҳои мубориза)» таҳия карда шудааст.

## ХУЛОСА

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти рисолаи номзадии **Сафаров Фируз Холназарович** дар мавзуи **«Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ»** аз ҷиҳати муҳиммият, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.11 - паразитология сазовор мебошад.

Номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи
зоологияи факултети биологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент Мирзоев Н.М.

Донишгохи миллии Тоҷикистон
Сурога: 734025, ш. Душанбе х. Рудакӣ, 17.
Тел: (+998) 934-05-85-05;
E-mail: mir.nur78@mail.ru;

Имзои Н.М.Мирзоевро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРХО ВА КОРХОИ ... ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕ...

12. 09. 2024